# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба таҳқиқоти диссертатсияи Фаризаи Файзизода дар мавзуи “Хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ дар наврасон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050307 – Психологияи омӯзгорӣ.**

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Фаризаи Файзизода ба шиносномаи ихтисоси илмии 6D050307 – Психологияи омӯзгорӣ мувофиқат менамояд.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқ**. Истифодаи оқилонаи захираҳои зеҳнию эҷодии кишвар омили муҳимми пешрафти он маҳсуб меёбанд, зеро таҷрибаи давлатҳои мутараққии ҷаҳон ба ин гувоҳанд. Муайян намудан ва фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои инкишофи лаёқати зеҳнӣ масъалаи муҳиммест, ки ҳалли босамари он боиси баланд бардоштани самаранокии фаъолияти таълимӣ-маърифатии наврасони болаёқат ва татбиқи минбаъдаи лаёқати онҳо дар фаъолиятҳои барои ҷомеа судманд мегардад.

Муҳиммияти таҳқиқотро дар самти мазкур шароитҳои зерин муайян месозанд: аз ҷониби ҷомеаи муосир дарк гаштани он, ки «захираи инсонӣ» замина ва зарфиёти муҳимтарини рушди он аст; босуръат гардидани ҷараёни ҳаёт, зиёд гаштани сарбории ахборотӣ ва эмотсионалӣ ба инсон; муаммоҳои зиёде, ки ҳалли онҳо кӯшиши зиёди зеҳнию эҷодиро талаб мекунад; талаботи ҷомеа ба фаъолияти касбӣ ва шахсияти инсон, ки бояд эҷодкор, фаъол, масъулиятшинос, дорои зеҳни инкишофёфта ва маълумоти баланд дошта бошад.

Таҳқиқ ва омӯзиши махсусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии лаёқати зеҳнӣ имконият медиҳад, то раванди таълиму тарбия бо дарназардошти имкониятҳои фардии ҳар як наврас ташкил карда шавад ва барои инкишофи ҳамаҷонибаи имкониятҳои зеҳнию эҷодии ӯ шароитҳои мусоид фароҳам оварда шаванд.

**Дараҷаи навгонии илмии натиҷаҳои диссертатсия ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- бори аввал дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ дар наврасон мавриди таҳқиқи комплексӣ ва назариявию амалӣ қарор дода шудааст;

- исбот гардидааст, ки зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ хусусиятҳои ҷинсиро доро мебошад ва байни духтарон ва писарон дар сатҳ ва тарзи зоҳиршавии қобилиятҳои маърифатӣ фарқиятҳои муайян ба мушоҳида мерасанд;

- муайян карда шудааст, ки давраи барвақтии наврасӣ барои рушди лаёқати зеҳнӣ ва ташаккули унсурҳои он муҳити созгор фароҳам меорад ва маҳз дар ин марҳала фарқиятҳои ҷинсӣ бештар равшан зоҳир мегарданд;

- тасдиқ гардидааст, ки унсурҳои таркибии лаёқати зеҳнӣ (тафаккури мантиқӣ, хотира, тафаккури эҷодӣ ва қобилияти ҳалли масъалаҳо) дар робитаи мутақобила қарор доранд ва рушди яке аз онҳо ба рушди дигарашон мусоидат мекунад;

- маълум гардидааст, ки дараҷаи инкишофи креативнокӣ (эҷодкорӣ) дар наврасон аз муҳити таълимӣ, мазмуни барномаҳои таълимӣ ва омилҳои иҷтимоӣ вобастагии зич дорад;

- асоснок карда шудааст, ки лаёқати зеҳнӣ хусусияти статикӣ надошта, дар тӯли ҳаёти фард зина ба зина ташаккул ва инкишоф меёбад, ки ин раванд аз омилҳои ҷинсӣ, муҳити иҷтимоӣ ва хусусиятҳои инфиродии шахсият вобаста аст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Айни замон бисёре аз муаллифон ба он андешаанд, ки лаёқати зеҳнӣ ташкилаи мураккаби таркибӣ аст, ки ба сохтори он ташкилдиҳандаҳои маърифатӣ, эҷодӣ ва шахсӣ дохил мешаванд (К.А. Хеллер, Е.И. Шебланова, Д.Б. Богоявленская, А.И. Матюшкин, Э. Ландау, Д. Рензулли ва дигарон).

Намудҳои зеҳни эҷодӣ, бадеӣ, иҷтимоӣ ва маънавии лаёқатро фарқ мекунанд. Лаёқати зеҳнӣ намуди лаёқат маҳсуб меёбад, ки зимни ташаккул ва рушди дигар намудҳои он баромад мекунад (В.С. Юркевич. Шарти асосии шаклгирӣ ва инкишофи лаёқати зеҳнӣ талаботи маърифатӣ маҳсуб меёбад (В.С. Юркевич, Н.С. Лейтес, ки қонеъгардии он ҳамчун фаъолии

ҷустуҷӯии маърифатии ба «дарёфт ва кашфи номуайяниҳо, азхуднамоии онҳо» нигаронида шудааст (А.М. Матюшкин).

Ҳавасмандгардонии фаъолии маърифатӣ заминаи маромнокии мусбии наврасони болаёқат ба таълим ва чун натиҷа баланд гаштани маҳсулнокии фаъолияти таълимӣ-маърифатии онҳо мегардад (А.М. Матюшкин, В.С. Юркевич).

Дар психологияи русӣ-шуравӣ лаёқат ҳамчун мувофиқати сифатии ба худ хос ва маҳаки ифодаёбии қобилиятҳо баррасӣ мегардад, ки имконияти муваффақ шуданро дар фаъолият таъмин месозад. Лаёқат дар фаъолияти мувофиқ зоҳир мегардад, ташаккул ва инкишоф меёбад. Барои ин зарур аст, ки фаъолият ба наврас писанд бошад ва талаботи талаботи маърифатии ӯро бедор намояд. Танҳо дар ҳамин ҳолат фаъолияти маҳсулноки аз вазъият новобаста ҳамчун зуҳуроти «субъекти аслии фаъолият» имконпазир мегардад.

Масъалаи таҳқиқи махсусиятҳои ҷинсии зуҳуроти лаёқати зеҳнӣ дар таҳқиқоти олимон рус аз қабили М.Г. Сорокова, С.С. Ермаков, Н.Б. Шумакова, Е.И. Шебланова, Т.В. Бендас, Е.А. Есипенко ва дигарон баррасӣ гардидаанд.

Дар таҳқиқоти олимони ватанӣ, аз қабили Г.Н. Абдураҳмонов, А.М. Байзоев, О.А. Ғаниева ва дигарон ҷанбаҳои гуногуни муносибатҳои гендерӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд, вале таҳқиқоти системаноки психологӣ дар самти муайян намудани махсусиятҳои ҷинсии зоҳиргардии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ вуҷуд надорад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, 7 зерфасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Дар муқаддимаи диссертатсия дар асоси мубрамияти мавзуи интихобгардида мақсад, вазифаҳо, объект ва предмет (мавзу)-и таҳқиқ, навгонии илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастоварда муқаррар карда шудаанд.

**Боби якуми диссертатсия** "Ҷанбаҳои назариявию методологии инкишофи лаёқати зеҳнӣ дар давраи наврасӣ" (саҳ. 14-82) ном дошта, дар чор фасли ин боб унвонҷӯ пажуҳишҳои муҳаққиқонро доир ба масъалаи

рушди кӯдакон ва наврасони болаёқат ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқони равоншинос қарор дошт. Тафовутҳои қобилиятии шахсиятҳо нисбат ба намудҳои гуногуни фаъолият аз замонҳои қадим маълум ва мавриди таҳқиқ қарор гирифта буданд.

Ин аст, ки дар фасли нахуст муаллифи рисола муайян кардааст, ки масъалаи рушди кӯдакон ва наврасони болаёқат ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқон-равоншиносон қарор дошт. Тафовутҳои қобилиятии шахсиятҳо нисбат ба намудҳои гуногуни фаъолият аз замонҳои қадим маълум ва мавриди таҳқиқ қарор гирифта буданд. Ҳанӯз тақрибан 2500 сол қабл, дар асри V то милод, файласуфи машҳур ва арбоби маъруфи сиёсии Чин, бунёдгузори мактаби моистҳо Мо-тсзи (солҳои 479-400 то милод), ба аҳаммияти ҷалби шахсони соҳибистеъдод ва қобилиятнок ба идоракунии давлат таъкид намудааст.

Дар фасли дуюм, аз нуқтаи назари психологӣ, лаёқат объекти мураккабест, ки дар он соҳаҳои маърифатӣ, эмотсионалӣ, иродавӣ, маромӣ, психофизиологӣ ва дигар соҳаҳои шахс зич алоқаманд мебошанд. Муҳиммияти давлатӣ, ҷамъиятӣ ва таълимии масъалаи лаёқатро ба эътибор гирифта, мебояд нақши муассисаҳои таҳсилотии шаклҳои гуногунро дар ин самт баланд бардошт, зеро субъектҳои кор бо кӯдакони болаёқат на танҳо волидон, мураббиён, равоншиносони амалӣ ва омӯзгорон, балки муассисаҳои таълимӣ низ маҳсуб меёбанд, ки шахси ҳуқуқӣ буда, дорои ҳуқуқу ӯҳдадориҳои муайян ҳастанд. Ин аст, ки кор бо кӯдакони болаёқат бояд хусусияти системавиро соҳиб бошад.

Дар фасли сеюм, ғояи интихоби барвақтии кӯдакони қобилиятнок ва таълими махсусгардонидашудаи онҳо реша дар таърихи қадим дорад ва имрӯз низ дар низомҳои гуногуни таълимӣ мавқеи хоса дорад. Дар ҷаҳони муосир, ки рақобат, навоварӣ ва рушди технология аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо кардааст, таваҷҷуҳ ба дарёфт ва истифодаи зарфияти эҷодии инсон беш аз пеш афзоиш ёфтааст. Аз ин рӯ, зарурати таҳия ва татбиқи механизмҳои самарабахши интихоб ва дастгирии кӯдакони болаёқат яке аз масъалаҳои муҳими сиёсати маориф ба шумор меравад.

Ниҳоят, дар фасли чоруми ин боб раванди ташаккули шахсият аз зинаҳои мухталиф иборат буда, ҳар як зина дорои хусусиятҳои ҷудогона ва аҳаммияти мушаххас мебошад. Яке аз марҳилаҳои хос дар ин раванди инкишоф – давраи барвакти наврасӣ  мебошад, ки бо маҷмӯи тағйиротҳои физиологӣ, психологӣ ва иҷтимоӣ тавсиф меёбад. Аз нигоҳи равоншиносии инкишофӣ, ин марҳила на танҳо оғози наврасист, балки пояи шаклгирии асосҳои шахсият, арзишҳо ва ҷаҳонбинӣ низ маҳсуб мешавад.

**Боби дуюм** – “Хусусиятҳои синнусолӣ ва ҷинсии (гендерии) зоҳиргардии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ” (саҳ. 83-153) – дар чор фасл тарҳрезӣ шуда, дар ибтидо мафҳуми лаёқатро танҳо ба дастовардҳои калонсолон, ки барҷаста шумурда мешуданд, нисбат медиҳад. Баъдан, ин мафҳумро нисбати кӯдаконе истифода мебурданд, ки аз рӯйи инкишофи ақлӣ ва комёбиҳои нодирашон дар таълим аз дигар ҳамсолонашон фарқ мекарданд. Ба сифати нишондиҳандаи асосии лаёқат инкишофи қобилиятҳои ақлии кӯдак баромад менамуд, ки одатан тавассути тестҳо барои ташхиси ақл муайян карда мешуданд. Чуноне, ки Д.Б. Богоявленская қайд мекунад, одаме, ки қобилиятҳои баланди ақлиро соҳиб аст, метавонад эҷодкор набошад ва баръакс, ҳолатҳое кам нестанд, ки шахси на он қадар қобилиятнок ва каммаълумот метавонад эҷодкор бошад. Ин буд, ки муҳаққиқон кӯшиш менамуданд, то намудҳои нав ба нави лаёқатро ошкор намоянд.

Диссертант тавассути истифодаи усулҳои Методи «Душвориҳои афзуншавандаи Равен», шакли фигуравии Методикаи Торенс (П. Торенс); Методикаи АПР (Р. Атахонов); методи «Муайян намудани мавҷудияти талаботи маърифатӣ» (В.С. Юркевич) истифода бурдааст. Хусусиятҳои зикргардида ҳамчун замина барои интихоби методикаҳои таҳқиқотӣ хизмат мекунанд. Бо дарназардошти ин хусусиятҳои муҳим методикаҳои мушаххасӣ психологӣ интихоб гардида, раванди ташхиси психологии кӯдакони дорои лаёқати зеҳнӣ ба роҳ монда мешавад.

Қисми дуюми таҳқиқот таҷрибаи чандинсолаи муайяннамоии кӯдакони болаёқат нишон медиҳад, ки он масъалаи мураккаб ва бисёрҷабҳа аст. Чуноне ки А.И. Савенков қайд мекунад, масъалаи лаёқат маъмулан дар ду зина дида баромада мешавад: назариявӣ ва методӣ. Зинаи назариявӣ муайян намудани консепсияи лаёқат, равшан намудани меъёрҳои ҷудонамоии кӯдакони болаёқатро пешбинӣ менамояд. Зинаи дуюм, яъне методӣ вобаста аз консепсияи қабулшуда, коркард ва интихоби методикаҳоеро дар бар мегирад, ки тавассути онҳо лаёқати кӯдак муайян карда мешавад.

Муаллифи диссертатсия ба хулосае омадааст, ки ин таҳқиқот ниҳоӣ набуда, васеъ намудани доираи озмудашавандагон, фаро гирифтани намудҳои гуногуни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (гимназияҳо, литсейҳо, мактабҳо хусусӣ ва ғ.) метавонад натиҷаҳои дигарро ба бор оварда бошанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия** дар муайян намудани хусусиятҳои ҷинсӣ ва синнусолии зоҳиргардии унсурҳои таркибии лаёқати зеҳнӣ, алоқамандии қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодкорӣ аз талаботи маърифатӣ дар давраи наврасӣ ифода меёбад, ки метавонад барои ташкили босамари раванди муайяннамоӣ ва таълими наврасони болаёқат истифода гардад. Ҳамзамон натиҷаҳои таҳқиқотро метавон ҷиҳати таҳияи барномаҳои таълимӣ, чорабиниҳои гуногуни ба ташаккул ва рушди зарфиёти зеҳнӣ ва эҷодии наврасон равонабуда, босамар истифода намуд.

**Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии таҳқиқи мазкурро** асосҳои методологии мавкеъҳои заминавии тадқиқот, истифодаи маҷмӯи методҳои илмии тадқиқотӣ назариявӣ ва амалӣ, ки ба табиати зуҳуроти омӯхташаванда мувофиқанд, мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, азнавҳосилшаванда ва эътимоднок будани натиҷаҳои бадастомада, таҳлили сифатӣ ва миқдории онҳо, истифодаи методҳои оморӣ ҳангоми коркарди натиҷаҳои тадқиқот таъмин намуданд.

**Интишороти натиҷаҳо аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи пажуҳишаш 7 мақоларо ба нашр расонидааст, ки аз онҳо 5

мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 мақола дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ чоп шудаанд ва дар онҳо нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсия комилан инъикос ёфтаанд. Ин аз фаъолии баланди илмӣ ва кори муназзам аз болои мавзуи таҳқиқ шаҳодат медиҳад.

**Мутобиқати диссертатсия ба талаботҳои Комиссия.**

Теъдоди маводи чопшудаи диссертант ба талаботи банди 35-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Муаллифи диссертатсия барои анҷом додани пажуҳиши мазкур заҳмати зиёд кашидааст, осори бисёри илмиро ба забонҳои тоҷикӣ ва хориҷӣ мутолиа намудааст, мазмуну муҳтавои онҳоро бо ҳамдигар қиёс карда, бурду бохташонро нишон додааст ва дар мавридҳои зарурӣ бо онҳо ба баҳс ворид шудааст.

Диссертатсия бо забони хуби илмӣ, содаву фаҳмо иншо гардидааст, вале дар радифи муваффақиятҳои зиёд дар рисола бархе нуқсонҳо ба мушоҳида расиданд, ки ислоҳи онҳо дар таҳқиқотиояндаи муаллиф ба манфиати кор хоҳад буд:

Новобаста аз ин, дар диссертатсия баъзе камбудиҳо, нуктаҳои баҳснок, хатоиҳои имлоӣ, услубӣ ва грамматикие ҷой доранд:

1. Дар масъалаи зеҳн ва хирад дар адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик андешаҳо зиёданд. Хуб мебуд, агар диссертант як зерфасли кори худро ба баррасии масъалаи зеҳн ва хирад дар осори классикони форсу тоҷик мебахшид.

2. Дар кишвари Шумо имрӯзҳо бо ибтикори бевоситаи Асосгузори Сулҳу Ваҳдати Миллӣ Пешвои Муаззами Миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон озмунҳои гуногуне аз қабили "Илм фурӯғи маърифат" ва "Фурӯғи субҳи донои китоб аст" гузаронида мешавад, ки бешак дар ошкорнамоии истеъдодҳо ва лаёқатҳо саҳми арзанда доранд. Хуб мебуд дар ин маврид диссертант зерфаслро таҳия менамуд.

Чунин эродхо чузъӣ буда, ҳаргиз ба арзиши умумии диссертатсия таъсир намекунанд ва дар оянда ҳангоми нашри монография ба эътибор гирифтани онҳо боиси афзун шудани ҳусни пажуҳиш хоҳад шуд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмии аз рӯйи мавзуи диссертатсия интишоргардида ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯст.

Дар умум, диссертатсияи номзадии Фаризаи Файзизода дар мавзуи «Хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳни дар наврасон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050307 – психологияи омузгорӣ ба талаботи бандҳои 32-35-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050307 – психологияи омузгорӣ сазовор мебошад.


**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои психологӣ, профессор,
мудири кафедраи психологияи
Донишгоҳи давлатии Бухоро Назаров А.М.

**Суроға:** Ҷумҳурии Ӯзбекистон,
шаҳри Бухоро, кӯчаи М. Иқбол 11;
**Тел:** (+99893) 686-88-58
**E-mail:** akmal_uzman@mail.ru


*“Имзои д.и.пс., профессор А.М. Назаровро тасдиқ менамоям”.*

Сардори раёсати кадрҳои
Донишгоҳи давлатии Бухоро Файзиева У.А.

“8” ноябрь соли 2025